# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Маълуми ҳамагон аст, ки сатҳи дараҷаи омодагии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба пуррагӣ аз худтакмилдиҳӣ ва такмили ихтисоси ӯ вобаста аст. Касби омӯзгорӣ аз муаллим такмили ҳамешагии донишҳо, маҳорату малакаи амалии ӯро талаб мекунад.

Такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ яке аз қисматҳои ҷудонопазирӣ омодагии касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки дар он тамоюли муосири инкишофи касбият, шавқмандии омӯзгор ҳамчун мафҳуми иҷтимоӣ-педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили мазмунӣ ва вазифавӣ-тартибии такомули дониши омӯзгорон ин мафҳуме мебошад, ки моро ба дарки маънои омодагии касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ҳамчун иҷроиши омодагии фаъолияти маҳсулнокӣ мутобиқи сифатҳои арзишноки касбӣ ва тамоюли арзишманд бурда мерасонад.

Муҳимият ва зарурияти муаммои мазкурро ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин самти фаъолияти маориф эътибори махсус медиҳад, қабул шудани як зумра санадҳои муҳими давлатӣ далели равшан ва возеҳи он аст. Дар ин росто, интихоби мавзуъ ва коркарди илмии он аз ҷониби Каримӣ Ш.А. дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Диссертатсияи ба итмом расонидаи Каримӣ Ш.А. аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифода шуда иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола аз ҷониби муҳаққиқ дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, зарурати таҳқиқу баррасии муаммои маводи назар, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқ, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Дар боби аввали диссертатсия “Асосҳои назариявии салоҳияти касбӣ дар муносибати ангезандагӣ ҳамчун талаботи асосии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ” аз ҷониби муаллиф масъалаҳои таҳлил ва таснифоти ангезонидан омили асосии салоҳиятҳои касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ; ҳавасмандсозии иҷтимоӣ-ахлоқӣ ҳамчун шарти асосии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ; ташаккули маҳорату малакаи комили омӯзгори синфҳои ибтидоӣ тавассути такмили ихтисос мавриди таҳқиқ гардидааст.

Қобили қайд аст, ки дар ҳалли муаммоҳои назариявӣ муаллиф маҷмӯи муносибатҳо ва консепсияи назариявӣ-методологӣ, ба монанди фаъолнокӣ ва салоҳиятнокии омӯзгор, ангезандагиву ваҷҳ, ҳавасмандсозиро истифода бурда, ба муайян намудани сарчашмаҳои назариявии таҳқиқот ноил гардидааст.

Дар боби дувум “Технологии мукаммалгардонии мазмун ва сифати чорабиниҳо оид ба такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва шаклгирии муносибати ангезандагӣ” масъалаҳои самтҳои самараноки такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ; амсилаи такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити ҷаҳонишавии низоми маориф; самаранокии амсила ва таъсири такмили ихтисоси омӯзгорон дар маърифатнокии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ҷоиз ба қайд аст, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия Каримӣ Ш.А. вобаста ба ҷамъбаст ва хулоса намудани натиҷаҳои ба дастовардашуда марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва озмоишӣ гузаронида шудааст.

Яке аз ҷузъҳои мусбии кор ва ҷолиби диққатро ба он ишора кардан мумкин аст, ки муаллиф нахуст ба муносибати ангезандагии такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ таваҷҷӯҳ намуда, зуҳурот ва ҳодисаҳои ҳаёт тавассути муносибати ангезандагии такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосири рушди маориф ошноӣ пайдо карда, онро ҳамаҷониба ва дақиққорона мавриди омӯзиши ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ тибқи ташкил ва баргузории озмоиши таҷрибавӣ дар якчанд курсҳои бозомӯзӣ мавриди тадқиқ қарор додааст, ки он робитаи зичи муаллифро бо амалияи педагогӣ инъикос менамояд.

Боиси қайд аст, ки боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи Каримӣ Ш.А. пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперикии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот манзур карда шуда, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳилаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва бо таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Доир ба моҳият, сифат ва мундариҷаи диссертатсияи Каримӣ Ш.А. муқарризони расмию ғайри расмӣ, муассисаи пешбар андеша ва нуктаи назари хешро баён мекунанд ва ба рисола баҳо медиҳанд, ва аз ин лиҳоз мехостам чанд сухан оид ба сифатҳои муҳаққиқӣ, касбӣ ва шахсии шогирд сухан гуфта бошам: Каримӣ Ш.А. дар ҳайси омӯзор ва мудири кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд фаъолият бурда, дар давоми 12 соли фаъолияти педагогиаш соҳиби таҷрибаи хуби омӯзгорӣ гардидааст. Дар давраи фаъолияташ дар ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Каримӣ Ш.А. ба таҳқиқоти илмиаш муносибати хеле масъулона ва ҷиддӣ зоҳир намуда, сифатҳои назарраси суботкорӣ, қобилият ва истеъдоди хуби таҳқиқотиро нишон дод. Натиҷаи ин

муносибат аст, ки аз тарафи ӯ дар асоси маводҳои таҳқиқотиаш 20 мақола ва дастурҳои таълимӣ-методӣ дар нашрияҳои педагогӣ чоп гардиданд, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМ ва илми Федератсияи Русия эътироф гашта нашр гардидаанд. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки Каримӣ Ш.А. ҳамчун муҳаққиқи фаъол, эҷодкор, мустақил, кордон ва соҳибкасб ташаккул ёфтааст ва чун омӯзгор дорои сифатҳои хуби касбӣ-педагогӣ, чун шахсият соҳиби ахлоқи баланди ҳамида буда, дар байни аҳли ҷомеаи устодон ва донишҷӯён соҳиби обрӯю эътибор гаштааст.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, кори мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 32-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.04-назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ,
академики Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон Каримова Ирина Холовна

25 августи 2023 с.

Маълумот барои тамос: 735034, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 126. Телефон: 907725594. E-mail: gumanizm@mail.ru

*Имзои И.Х.Каримоваро тасдиқ мекунам.*
*Нозири кадрҳои АТТ* *Саидова М.*

ШӮЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ